## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии “тааҷҷуб/surprise” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). – шаҳри Душанбе, 2025.**

Масъалаи тарҷума яке аз масъалаҳои муҳимми илми филология ба ҳисоб рафта, дар соҳаи забоншиносии муқоисавӣ нақши бориз дорад. Дар баробари рушди ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалӣ миёни халқу давлатҳои гуногун забонҳо низ инкишоф меёбанд ва ба тағйирот дучор мешаванд. Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ низ аз ин раванд истисно нестанд.

Дар забоншиносӣ омӯзиши лексика ба таҳқиқи маъноию луғавӣ ниёз дорад. Омӯзиши амиқи луғавии забонҳои гуногун, махсусан калимаҳое, ки лексикаи ҳайратангезро ҳамчун як навъи эҳсос дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ ифода мекунанд, тақозо мекунад, ки луғати забони тоҷикӣ ба таври омӯзиши амиқ қарор гирад.

Маҳз ин омил муҳиммии мавзуи интихобнамудаи диссертантро инъикос мекунад.

Мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионии Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии “тааҷҷуб/surprise” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» **ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунанд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот** чунин асоснок шудааст, ки дар замони муосир таҳқиқи масъалаҳои омӯзиши калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот аз дидгоҳи забонию фарҳангӣ ва мантиқӣ барои боз ҳам равшантару мушаххастар дарк намудани хусусиятҳои милливу фарҳангии намояндагони халқиятҳои гуногун муҳим мебошад. Вобаста ба ин, диссертант бори нахуст таҳқиқоти ҷудогона анҷом додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи баррасии вожаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо ошкор шудаанд. Инчунин, дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал таҳқиқи жарфтари мавзуи мазкур дар низоми қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавӣ–маъноӣ ва сохторӣ–грамматикии лексикаи забонҳои мавриди омӯзиш ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ мешавад. Аз ҷониби муаллиф бори аввал хусусиятҳои муқоисавию типологии «тааҷҷуб/surprise» дар таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар натиҷаи омӯзиши мавзуъ аз нигоҳи илмӣ асоснок гардида, дар шакли 4 банд чунин пешниҳод гардидаанд:

1. Маводди забонии ҷамъовардашуда ва коркардшуда, ки вожаҳои ифодакунандаи эҳсосотро бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ифода мекунанд, арзиши муайяни забоншиносӣ доранд;

2. Низомбандӣ ва омӯхтани вожаҳое, ки дар забони тоҷикӣ тааҷҷубро ифода мекунанд, дар муқоиса бо забони англисӣ барои рушди низоми вожаҳо ва пурра гардонидани захираи луғавии забони тоҷикӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад;

3. Таҳлили системавии муқоисавӣ–типологӣ, луғавӣ–маъноӣ ва сохторӣ–грамматикии вожаҳои ифодакунандаи тааҷҷуби забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ифода мекунад, метавонад барои омӯзиши самарабахши дигар бахшҳои луғавии забонҳои муқоисашаванда замина фароҳам оварад ва ба ҳаллу фасли дигар самтҳои мазкур мусоидат намояд;

4. Ташкили сохторӣ, маъноии вожаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои муқоисашаванда ба таври мунтазам дар раванди рушд қарор дорад, вобаста ба зерсохторҳои илм, ки дар ин ё он модел бо сарчашмаҳои гуногуни пайдоиш амал мекунанд, фарқ мекунад;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст,** ки калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони

тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ бо ёрии вожаҳо ва қолабҳои алоҳида, бо муқоисаи хусусиятҳои сохторӣ–маъноии онҳо пурра ва возеҳу равшан ифода ёфтааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, 12 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном гирифта, аз 4 зербоб иборат аст. Масоили баррасишавандаи ин боб омӯзиши рушди забоншиносии тоҷик, ҷойгоҳи калима дар забоншиносии кишварҳои хориҷӣ, мафҳуми «тааҷҷуб/surprise», ҳамчун ҳиссиёт ва эҳсосот дар забоншиносӣ, инчунин нақши оҳанги калима ҳамчун унсури муҳимми тааҷҷуб дар забон мебошанд.

Диссертант дар заминаи таҳлили фарҳангҳои мухталифи тоҷикию англисӣ чунин меҳисобад, ки мафҳуми «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар тафаккури тоҷикзабонон ва англисзабонон ҳамчун ҳиссиёти инсон, ҳамчун махзани ҳиссиёту эҳсосоти гуногун, аз ҷумла меҳру муҳаббат, тарсу ҳарос, ҳайронӣ ва инчунин, фикру андеша, сирру асрор таҷассум ёфтааст.

**Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Тасвири таҳлили маъноиву сохтории калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, фарогири 4 зербоб аст. Диссертант дар ин қисмат дар доираи зербобҳои гузошташуда мафҳум, таснифоти семантикии синонимҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise», мавқеи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise»-ро дар эҷоди фразеологизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил намуда, инчунин, хусусиятҳои корбурди вожаҳои ифодагари «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар натиҷа омӯзишу баррасии боби мазкур диссертант ба чунин натиҷа омадааст, ки вожаҳои ифодагари эҳсосот аз ҷумла, тааҷҷуб буда, дар он

узвҳои бадани инсон, ба монанди даст, чашм, рӯй чун вожаҳои фаъол иштирок мекунанд. Таҳлили вожагониву – маъноии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дод, ки тааҷҷуб як навъи ифодаи маъние мебошад, ки онро бо ҳайрат баён менамоянд ва ё дар тасвири ашё, воқеа ва лавҳаи бадеӣ бо тааҷҷуб чизеро пурсида, аз он таҳайюр мекунанд.

**Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ "Таҳлили сохтории калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб/surprise ҳамчун эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон гирифта, фарогири 4 зербоб аст. Дар ин қисмат созмонёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ёрии аффиксатсия, истифода гардидани зарфҳо бо пасванди **– ly** дар забони англисӣ дар ифодаи дигар калимаҳои эҳсосӣ, ифодаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот бо нидо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, инчунин, корбурди «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот бо ҳиссачаҳо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ аз ҷониби муаллиф ба таври ҷудогона аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст.

Ҳамзамон, дар ин қисмат диссертант нидои **Oh!**-ро дар забони англисӣ таҳлил намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки он маъноҳои хурсандӣ, шодӣ, ваҷд, тааҷҷуб, ҳайрат, маломат, сарзаниш, таъна, тахмин, фарз, тарсу ваҳм, даҳшат, хавф, дард, озор, алам, ранҷ, норозигӣ, ҳасрат, андӯҳ, афсӯс, хафагӣ, истеҳзо, тамасхур, ришханд, ҳаҷв, таҳдид, дӯғу пӯписа, хатар, ҷасорат, ҷуръат, хашм, ғазаб, қаҳр ва монанди инҳоро ифода карда метавонад. Вобаста ба ин нишондод мисолҳои мушаххас дар матни диссертатсия оварда шудааст, аз ҷумла: – ***Oh,*** *said Soliha, rolling up her sleeves*[Rahim Jalil,147]. ***Эҳеее!*** *– гуфт Солеҳа остинҳояшро бар зада, – ман кай қафо монда будам, ки акнун мемонам*[Раҳим Ҷалил]

***"Oh,*** *you needn't be afraid!" Galli cut in sharply: "we shouldn't ask you to go to prison for our pamphlets"[229:115].* – ***"Оҳ,*** *набояд тарсид!" Галц бо*

*қатъият гуфт: “Мо набояд аз шумо барои рисолаҳоямон ба зиндон равед.* [229, саҳ. 115].

Диссертант дар натиҷаи баррасии зербобҳои ин қисмат хулосаҳои хешро бо фарогирии 9 банд асоснок намудааст, ки ҷолиби диққат аст, аз ҷумла: «1. Хусусияти хоси нидо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ муаяйн намудани ин ифодаи ҳиссиёти ботиниву зоҳирӣ ва иродаи гӯянда ба нутқи ҳамсуҳбат, ашё ва ҳодисаҳои олами воқеӣ буда, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нидо бо имою ишорат ва оҳанг зич марбут аст»

Ба анешаи диссертант ҳолати мазкур бештари вақт ҳаноми тарҷумаи ҷумлаҳое мушоҳида мешавад, ки дар он ҷонишини **It** ба ҳайси мубтадои расмӣ амал менамояд.

Ба анешаи диссертант нидо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ муносибати инсонро бо ҳастии воқеӣ мухтасар ва образнок нишон медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастомада бо фарогирии 12 банд асоснок карда шудаанд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси луғавӣ–маъноӣ ва калимасозӣ инъикос намояд, чунки дар дохили он муносибатҳои зинавӣ бо назардошти истифодаи усулҳои забономӯзӣ аз мафҳуми вожа сар карда, то мавқеи он дар сохтори забон пурра таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

**Муаллифи диссертатсия оид ба мавзуи баррасишаванда 12 мақолаи илмӣ**, аз ҷумла 5 мақода дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва нашр кардааст, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор, мундариҷаи диссертатсияи мазкур, сабки нигориш ва ороиш, ҳамчунин ҳаҷми он ба талаботу меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Автореферати диссертатсия** мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди ҳамаи ин муваффақиятҳо дар диссертатсияи Аламуродова Робия Аланазаровна бархе норасоиву камбудиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти хулосавию ҷамъбастӣ касб кардаанд. Ҳол он, ки чунин нуктаҳо бояд мавқеи диссертантро нисбатан қатъиву боҷуръат ифода намоянд. Аз ин рӯ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро бо таъбирҳои «Собит карда шуд, ки…», «Таҳқиқи илмӣ нишон дод, ки…», «Дар натиҷаи пажӯҳиш маълум гардид, ки…», «Пажӯҳиши илмӣ ошкор намуд, ки…» ва амсоли инҳо шуруъ кардан ба манфиати кор аст;

2. Диссертант дар охири диссертатсия ҳамаи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» таҳлилнамудаи худро бо ду забон дар шакли замима дар охири кор ҷой медод хуб мебуд;

3. Агарчи дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия манбаъ нишон дода башад ҳам, сарчашма ва саҳифаи иқтибоси овардашуда ишора нашудааст (саҳ. 85,86,87, 88,89 ва ғ.);

4. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, дар баъзе саҳифаҳо ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар мерасанд. (с. 10, 12, 16, 20, 110 ва ғ.);

5. Хатоҳои техникӣ ва имлоӣ низ мавҷуданд (саҳ.2,12,50, 55 ва ғ.).

Дар умум, камбудӣ ва эродҳои зикршуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертант мақсад ва вазифаҳои гузошташудаашро пурра иҷро намуда, дар ин самт таҳқиқоти ҷудогона анҷом додааст.

**Хулоса,** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии "тааҷҷуб/surprise" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) кори мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ анҷомдодашуда ба шумор рафта, дорои навгонӣ, арзиши илмию амалӣ аст ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аламурадова Робия Аланазаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва типологияи
забони англисии МДТ«Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» __________ **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

Имзои Олматова Ш.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» __________ **Исозода Тоҷиддин Исо**

**«29» 08 соли 2025**

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: btsu78@mail.ru,
Сомона: http://www.bgu.edu.tj